# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои диссертатсионии 6D.KOA-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсияи Мисрализода Фирӯза Назримад дар мавзуи «Технологияҳои муосири рушди салоҳиятҳои асосии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути воситаҳои технологияҳои рақамӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.

Ислоҳоти соҳаи маориф дар шароити муосир ҳам ба мақсадҳои рушди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ҳам воситаҳои татбиқи онҳо таъсир мегузорад. Хусусиятҳои инсонгароии соҳаи маориф дар чанд самт, аз ҷумла, дар раванди таълими технологияҳои муосир амалӣ гашта, ба рушди салоҳиятҳои асосии хонандагон, хусусиятҳои фардиву равонӣ, қобилият ва имкониятҳои хонандагон такя мекунад.

Технологияҳои муосири рушди салоҳиятҳои асосии хонандагон ба бартараф кардани норасоиҳо дар дониш ва малакаҳои хонандагони синфҳои болоӣ равона карда шуда, барои ноил гардидан ба ҳадди ақали нишондиҳандаҳои қобили қабул мебошад. Технологияҳои муосири рушди салоҳиятҳои асосии хонандагон вобаста ба қобилияти зеҳнии хонандагон, маҳорат ва сатҳи тайёрии онҳо тавассути воситаҳои технологияҳои рақамӣ вазифаи доимии педагогика мебошад.

1. Мавзуъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисоси 6D010301 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ва соҳаи илми педагогика, ки аз рӯйи он ба шуро қабул, баррасӣ ва ҳимояи диссертатсияҳо иҷозат дода шудааст, мутобиқат мекунад.

2. Муҳтавои диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – "Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот" (илмҳои педагогӣ) мутобиқат мекунад:

*банди 1* – "Методологияи таҳқиқотҳои педагогӣ" (равишҳои таҳқиқотӣ дар рушди илми педагогика, ҳамбастагӣ ва ҳудудҳои татбиқпазирии онҳо; усулҳои таҳқиқотҳои педагогӣ),

*банди 6* – "Консепсияи таҳсилот" (сифати таҳсилот ва технологияҳои арзёбии он; равандҳои инноватсионӣ дар таҳсилот),

*банди 7* – "Педагогикаи амалӣ" (ҷамъбасткунии таҷрибаи педагогии пешқадам; ҳаракати инноватсионӣ дар таҳсилот; фаъолияти озмоишию таҷрибавии муассисаҳои таълимӣ - мутобиқат дорад.

3. Муҳтавои кори диссертатсионӣ дар 10 номгӯйи мақолаҳои илмии нашршудаи довталаб, ки 3 номгӯйи онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон, 4 номгӯй дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ва 3 номгӯй дар нашрияҳои конференсияҳои байналмилалӣ ба табъ расидаанд, мукаммал инъикос ёфтаанд.

4. Нашри натиҷаҳои асосии диссертатсия мутобиқ ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, № 295) иҷро шудааст.

5. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ бо мавқеи методологии бунёдӣ, методикаи мукаммали тадқиқ, мутобиқии мақсадҳо, вазифаҳо ва мантиқ, ҳуҷҷатҳои зарурӣ, ки нуктаҳои асосӣ ва хулосаҳои диссертатсияро тасдиқ мекунад, алоқамандии назария бо амалияи кор дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии озмоишӣ, бо таҷрибаи педагогии муаллиф дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ҳангоми тадриси фанҳои ба раванди коркарди маълумот нигаронида; бо иштироки муаллиф дар чорабиниҳои гуногун оид ба такмили ихтисос ва бозомӯзии касбӣ аз рӯйи самтҳои ба таҳқиқот алоқаманд таъмин карда шуданд. Эътибрнокии хулосаҳои дар раванди таҳқиқ бадастомада, инчунин, бо озмоишҳои педагогӣ ва натиҷаҳои таълим, инчунин, бо беихтилофии мавқеъҳои назариявие, ки ташаккули онҳо ба таҳлили ғояҳои педагогии муҳаққиқони гуногун асос ёфтааст, мувофиқати методҳои таҳқиқот бо ҳадафҳои матраҳгардида, бисёрҷанбагӣ ва бардавомии таҳқиқоти роҳандозишуда аз тариқи назариявӣ ва амалӣ, тасвиби натиҷаҳои бадастомада дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таълимии пойгоҳи озмоишии таҳқиқот таъмин карда шудаанд.

6. Диссертатсияи Мисрализода Фирӯза Назримад дар мавзуи «Технологияҳои муосири рушди салоҳиятҳои асосии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути воситаҳои технологияҳои рақамӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба шурои диссертатсионӣ қабул карда шавад.

7. Ба сифати муқарризони расмӣ Мирзоев Абдулазиз Раҷабович – доктори илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, Рафиев Сафархон – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, ноиби ректор оид ба корҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва ба сифати муассисаи пешбар Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Данғара» пешниҳод карда шаванд.

8. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

9. Барои нашр ва паҳнкунии автореферат иҷозат дода шавад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Мисрализода Фирӯза Назримадро дар мавзуи «Технологияҳои муосири рушди салоҳиятҳои асосии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути воситаҳои технологияҳои рақамӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

**<u>ҚАРОР КАРД:</u>**

1. Диссертатсияи Мисрализода Фирӯза Назримад дар мавзуи «Технологияҳои муосири рушди салоҳиятҳои асосии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути воситаҳои технологияҳои рақамӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқат доранд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

- Мирзоев Абдулазиз Раҷабович – доктори илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;
- Рафиев Сафархон – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, ноиби ректор оид ба корҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ.

3. Ба сифати **муассисаи пешбар** – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Данғара» тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссератсия дар сомонаҳои Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол кардани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои педагогӣ Лутфуллозода М.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои педагогӣ Давлатшоев И.

номзади илмҳои педагогӣ Муҳиддинзода Б.

«23» декабри соли 2025

*"Имзои М. Лутфуллозода, И. Давлатшоев ва Б.Муҳиддинзодаро тасдиқ мекунам"*

*Нозири кадр ва коргузории АТТ* *М. Саидова*

ШУЪБАИ КАДРҲО / ОТДЕЛ КАДРОВ